**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2023. – 27 саҳ.)**

Баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва таъмини сулҳу суботи комил дар кишвар, таҳти роҳбарии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи нави инкишофи қонунгузорӣ, аз ҷумла, қонунгузории ҷиноятӣ ба миён омад. Дар ҳамин ҷараён, аввалин маротиба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 21 майи соли 1998 қабул гардид. Қонуни нави ҷиноятӣ аз мустақилияти низоми ҳуқуқии мамлакат шаҳодат медиҳад, зеро баробари мустақил гардидани давлат зарурати қабули қонунҳои миллӣ ба миён меояд.

Мақсад аз қабули Қонуни нави ҷиноятӣ ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, тартиботи ҷамъятӣ ва ахлоқ, амнияти миллӣ ва соҳибихтиёрии кишвар, сулҳу суботи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Чунки дар ҷомеа кирдорҳои зиддиҳуқуқие содир мегарданд, ки ба арзишҳои мазкур зарар расонида, тартиботи мавҷударо дар ҷамъият поймол мекунанд. Бинобар ин, дар шароити имрӯзаи мамлакат ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон мубрам ва айниҳолӣ дониста мешавад.

Дар марҳилаи муосири ташаккули ҷомеа ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон яке аз воситаҳои зарурӣ ва дар як маврид, воситаи шадиди вокуниши давлатӣ нисбат ба ҷинояти содиршуда, ба шумор меравад. Аз ин рӯ, муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон танзими дақиқ ва дурусти ҳуқуқӣ ва асоснокии илмиро талаб менамояд, то ки ҷинояткор ҷазои сазовори худро соҳиб шавад, принсипи адолат риоя карда шуда, чораҳои қонунгузории ҷиноятӣ танҳо ба андозаи зарурӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои барои ҷазо муқарраршуда, истифода шаванд. Ин талабот яке аз самтҳои асосии сиёсати ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Пажуҳишгар дар баробари он, ки масъалаҳои мубрами назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии институти ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагонро мавриди омӯзиш қарор додааст, инчунин, ба таърихи пайдоиш ва ташаккули институти мазкур таваҷҷуҳи махсус сафарбар намуда, онро ба се марҳила ҷудо намудааст: а) марҳилаи аввал – то шуравӣ. Вобаста ба марҳилаи то шӯравӣ диссертант дар консепсияи илмии худ пешниҳоди асоснок намудааст, ки то зуҳури дини ислом сарчашмаи асосии ҳуқуқро, бахусус ҳуқуқи ҷиноятиро китоби Авесто, Қонунномаи Сосониён ташкил медоданд. Фиреб, дурӯғ ва таҳқир дар низоми ҳуқуқии авестоӣ ҷиноят ба шумор мерафтанд. Пайдоиши дини ислом дар рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон такони ҷиддие дод, яъне фиреби истеъмолкунандагон аз нигоҳи ислом манъ буда, ба гунаҳкорон барои кам баркашидан ва кам чен кардан ҳам ҷазои дунявӣ ва ҳам ҷазои динӣ (ба монанди дар дӯзах сӯхтан) дода мешавад; б) марҳилаи дуюм – аз замони ҳамроҳшавии сарзамини тоҷикон ба Россияи подшоҳӣ, яъне пас аз ташкил ёфтани генерал-губернатории Туркистон соли 1886-1887 идома ёфта, то аз байн рафтани ҳокимияти шуравиро дар бар мегирад; в) марҳилаи сеюм – давраи истиқлолияти давлатии ҶТ ва қабули КҶ нави ҶТ соли 1998 алоқаманд мебошад, ки то ба имрӯзро дар бар мегирад (саҳ. 17-18).

Диссертант дуруст қайд менамояд, ки таҳлили муқоисавӣ ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии давлатҳои аъзои ИДМ вобаста ба ҷавобгарииии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон... дар мукаммал намудани КҶ ҶТ аҳаммияти басо муассир доранд (саҳ. 18).

Ба андешаи муаллиф предмети фиреби истеъмолкунандагонро мол ва хизматрасонӣ ташкил мекунад. Мол объекти ҳуқуқҳои гражданӣ, ки барои фурӯш, мубодила ё навъи дигари ба муомилоти гражданӣ баровардани он муқаррар шудааст. Маҳсулот – маҳсули фаъолият (корҳо, хизматрасонӣ), ки барои мубодила ва фурӯш дар бозор муқаррар шудааст. Хизматрасонӣ натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошанд.

Корҳо ва иҷрои корҳо, ки агарчи ба манфиати истеъмолкунандагон зарар расонида бошад ҳам, предмети ҷинояти м. 294 КҶ-ро ташкил намедиҳанд (сохтани хонаи манзилӣ, дӯхтани либос, таъмири пойафзол ва ғ.). Чунин кирдорҳо дар ҳолати ҷой доштани ҳолатҳои пешбиникардаи қонун мумкин аст, бо м. 208 КҶ бандубаст карда шавад (саҳ. 19-20).

Муаллиф қайд менамояд, ки тарафи субъективии фиреби истеъмолкунандагон дар қасди бевосита ифода мегардад. Яъне, дар ин ҳолат субъект ба ҷамъият хавнокии кирдори худро дарк менамояд, яъне

камтар чен мекунад, кам бармекашад, бақияи пулро кам медиҳад, истеъмолкунандагонро дар мавриди хосияти истеъмолкунӣ ё сифати маҳсулот фиреб медиҳад, имконият ё ногузирии фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнокии онро пешбинӣ менамояд (ба истеъмолкунандагон зарар мерасонад) ва хоҳони фаро расидани чунин оқибат мебошад. Ду аломати аввал – дарк кардан ва пешбинӣ кардан лаҳзаҳои зеҳнии қасди бевоситаро тавсиф медиҳанд. Аломати сеюм – хоҳони фаро расидани ин оқибат бошад, ба лаҳзаи иродавӣ мансуб аст (саҳ. 22).

Маврид ба тазаккур аст, ки рисолаи илмӣ дар заминаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, ба мисли диалектикӣ, таҳлил (анализ) ва таркиб (синтез), мантиқӣ-расмӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо омода карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои илмӣ-амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар инкишофи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, таҷдиди қонунгузории ҷиноятӣ ва бартараф намудани мушкилиҳои амалияи тафтишӣ ва судӣ дар ин самт, саҳмгузор бошанд.

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст.

Нисбат ба автореферати диссертатсия чунин эродҳоро манзур менамоем:

Пажуҳишгар дар зербоби якуми боби якум, ки **«Таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон»** номгузорӣ шудааст, масъалаи мазкурро вобаста ба се марҳила: марҳилаҳои тошуравӣ, қонунгузории ҷиноятии шуравӣ-сотсиалистӣ ва даврони соҳибистиқлолӣ омӯхтааст (саҳ. 17). Аммо аз чӣ сабаб бошад, ки дар нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аниқтараш дар пешниҳодҳои хусусияти назариявидошта, танҳо вобаста ба марҳилаи тошуравӣ хулосабарорӣ намуда, марҳилаҳои дигарро мадди назар намудааст. Аз ин рӯ, мехостем оид ба масъалаи мазкур андешаи таҳқиқбарандаро ҳангоми дифои рисолаи илмӣ шунида бошем.

Бояд зикр кард, ки эроди мазкур хусусияти ҷузъӣ дошта, сифат ва сатҳи рисолаи анҷомдодашударо коҳиш надода, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли масъалаҳои гуногун дар алоҳидагӣ нишон медиҳад, ки ин яке аз бартариятҳо дар раванди кори илмӣ маҳсуб меёбад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, дар маҷмуъ, хулоса баровардан мумкин аст, ки диссертатсияи омоданамудаи Шарипов Самандар Самариддинович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби

истеъмолкунандагон» кори илмии анҷомёфта махсуб ёфта, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, н.и.ҳ. Ғайратов Т.М.

**Имзои Ғайратов Т.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Пирзода С.С.

«20» 12 **2023 с.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2; Тел.: (+992) 37 234-83-46; (+992) 37 234-85-46; сомона: www.tguk.tj; E-mail: mail@dditt.tj; tguk@mail.ru.